Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» 02 соли 2018, №03/13
тасдиқ шудааст.

# НИЗОМНОМАИ
## намунавии кабинети фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ

## *1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1.Низомномаи намунавии кабинети фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия» ва дигар сандаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2.Низомномаи мазкур тартиби ташкил, муҷаҳҳаз намудан ва фаъолияти кабинети фанни технологияи иттилоотиро дар муассисаҳои таълимӣ ба танзим дароварда, ҳуҷҷати муқарраркунандаи талабот оид ба фаъолияти кабинет дар самти таълими фанни технологияи иттилоотӣ ва вазифаҳои он дар раванди таълим ба ҳисоб меравад.

3.Истифодабарии ҳуҷҷати мазкур барои ҳама намуди муассисаҳои таълимӣ ҳатмӣ мебошад.

4.Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими фаъолияти кабинет шиносномаи кабинети технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, дар Низомнома он ба қайд гирифта шуда, бояд дар ҳуҷҷати мазкур номи фан, мазмуну мундариҷаи фаъолият нишон дода шавад.

5.Заминаи моддӣ-техникии кабинети технологияи иттилоотӣ ҳама намуди таҷҳизот, аз ҷумла барои истифодаи умумӣ ва махсусро, ки дар қисмати «Шиносномаи кабинети технологияи иттилоотӣ» (Шиноснома замима мегардад) нишон дода мешавад, дар бар мегирад.

6.Масъулияти назорати мундариҷаи «Шиносномаи кабинети технологияи иттилоотӣ» ба зиммаи мутасаддии кабинети технологияи иттилоотӣ гузошта мешавад.

7.Қисмати Шиносномаи кабинети технологияи иттилоотӣ дар Низомнома соле як маротиба, одатан дар оғози соли таҳсил бо назардошти ворид намудани тағйироти зарурӣ дар саҳифаи ба қайдгирии тағйирот, аз ҷониби шахси масъул таҷдиди назар карда мешавад.

8.Кабинети технологияи иттилоотӣ барои амалигардониии фаъолияти таълимӣ тибқи барномаҳои таълимӣ, аз ҷумла барои иҷрои машғулиятҳои амалӣ, хатм, корҳои мустақилонаи хонандагон, инчунин барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати амалигардии муҳити электронии иттилоотӣ-таълимӣ, дастрасӣ ба шабакаи Интернет ташкил карда мешавад.

9.Ташкили кабинети технологияи иттилоотӣ дар сохтори муассисаи таълимӣ тибқи санадаҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби маъмурияти муасисаи таълимӣ амалӣ карда мешавад.

## 2. Вазифа ва фаъолияти кабинети технологияи иттилоотӣ

1.Корҳо доир ба таҷҳизонидан, аз қабили насби ноқилҳои барқӣ, таҷҳизоти намоишдиҳӣ, таъминоти барномавӣ, корҳои сохтмонӣ аз ҷониби маркази технологияи иттилоотӣ ва масъули хоҷагидорӣ ба иҷро расонида мешаванд.

2.Ба истифодадиҳии таҷҳизоти кабинети технологияи иттилоотӣ аз ҷониби маркази технологияи иттилоотӣ бо иштироки шахси масъули кабинети номбурда амалӣ карда мешавад.

3.Баъди ба истифодадиҳии кабинети технологияи иттилоотӣ назорати дар ҳолати коршоямӣ қарор доштани онро Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии технлогияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ» ва зерсохторони он дар шаҳру ноҳияҳо бо иштироки бе воситаи масъули кабинети технологияи иттилоотӣ таъмин менамояд.

4.Масъули кабинети технологияи иттилоотӣ тибқи фармоиши роҳбарияти муассисаи таълимӣ таъйин карда шуда, барои ҳифзи меҳнат ва таъмини бехатарӣ ҷавобгар мебошад.

5.Реҷаи кории кабинети технологияи иттилоотӣ тибқи ҷадвали дарсӣ дар мувофиқа бо роҳбарият тасдиқ карда мешавад.

6.Назорати умумии фаъолияти таълимӣ дар кабинети технологияи иттилоотӣ аз ҷониби масъули бахши таълим ба роҳ монда мешавад.

7.Назорати таҷҳизонидани техникӣ ва таълимӣ, инчунин истифодаи дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ аз тариқи Муаасисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии технлогияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ» ва зерсохторони он дар шаҳру ноҳияҳо дар якҷоягӣ бо масъули кабинети технологияи иттилоотӣ амалӣ карда мешавад.

8.Назорати қоидаҳои кор дар кабинети технологияи иттилоотӣ аз ҷониби масъули кабинет ва дар ҳангоми машғулиятҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгори фанни мазкур амалӣ карда мешавад.

**3.Таъминоти кабинети технолгияи иттилоотӣ бо мавод ва таҷҳизот**

1.Муҷаҳҳазгардони кабинети технологияи иттилоотӣ таҷҳизоти зеринро дар бар мегирад:

-компютерҳои ҷойгиршавиашон мутобиқ ба меъёрҳои санитарӣ-гигиенӣ;

-дастгоҳи садобарор (колонка) ва гӯшкунӣ вобаста ба зарурат;

-дастгоҳи чопкунӣ (принтер) бо риояи дараҷаи овозбарорӣ (вобаста ба зарурат);

-дастгоҳи намоишдиҳӣ (тахтаи электронӣ ва проектор) вобаста ба зарурат;

-сканер (вобаста ба зарурат);

-таҷҳизот барои шабакаи локалӣ (локальный сет);

-таъминоти барномавӣ;

-адабиёти зарурии таълимӣ-методӣ барои таъмини муназзами раванди таълим;

-тахтаи дарсӣ (вобаста ба зарурат).

2.Кабинети технологияи иттилоотӣ бояд бо таҷҳизоти зерин таъмин бошад:

-таҷҳизоти зидди сӯхтор;

-лампаҳои рӯшноидиҳанда;

-лавҳаи иттилоотӣ;

-маркази огоҳкунанда;

-хунуккунакҳо;

-доруқуттии тиббӣ.

3.Лавҳаи иттилоотии кабинети технологияи иттилоотӣ бояд дорои маводи зерин бошад:

-реҷаи кори кабинет;

-ҷадвали корҳои мустақилона дар синф;

-эълонҳои омӯзгор;

-ҷадвали гузаронидани машваратҳо аз ҷониби омӯзгор;

-нишондод оид ба риояи техникаи бехатарӣ ва қоидаҳои кор;

-маҷмӯи машқҳо барои варзиши чашм ва дигар намуди машқҳо;

-маводи иттилоотии иловагӣ вобас та ба зарурат.

4.Таъминоти молиявии кабинети технологияи иттилоотӣ дар доираи маблағҳои буҷетии барои муассисаи таълимӣ пешбинигардида ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

5.Ҷавобгарии ҳифзи мавод ва таҷҳизоти мавҷуда, пурра ба зиммаи масъули кабинет ва хоҷагидор гузошта мешавад.

6.Ҳама намуди таҷҳизот ва мавод бояд рақамгузорӣ карда шуда бошанд.

**4.Талабот оид ба ташкили бино ва ҷойи корӣ дар кабинети технологияи иттилоотӣ**

1.Биное, ки дар он кабинети технологияи иттилоотӣ ҷойгир аст, бояд тибқи талаботи меъёрҳои санитарӣ-гигиенӣ ҷиҳозонида шавад.

2.Бино бояд бо рӯшноии табиӣ ва сунъӣ тибқи меъёрҳо таъмин бошад.

3.Тирезаҳои биное, ки дар он компютерҳо гузошта шудаанд, бояд ба тарафи шимол ва шимолу шарқ кушода шуда, онҳо бо чиғпарда (жалюза) пӯшонида шаванд.

4.Барои таъмини меъёри муқарраргардидаи рӯшноӣ дар бино соле ду маротиба шишаи тирезаҳо ва лампаҳои рӯшноидиҳанда тоза карда шаванд.

5.Бино бояд бо низоми гармидиҳии буғӣ, дастгоҳи ҳавотозакунӣ ва воситаҳои бехатарӣ ҳангоми раъду барқ таъмин бошад.

6.Ҷойи нишасти хонандагон дар кабинет набояд дар наздикии ноқилҳои барқӣ, трансформаторҳо ва ё дигар дастгоҳои технологии барқӣ, ки ба фаъолият халал мерасонанд, бошад.

7.Дар бинои кабинети технологияи иттилоотӣ бояд доимо муҳити муътадили корӣ мавҷуд бошад ва ҳар соат тоза карда шавад.

8.Таҷҳизоте, ки бо овози баланд кор мекунанд, бояд берун аз кабинети технологияи иттилоотӣ гузошта шаванд.

9.Мизҳои корӣ бояд барои як нафар пешбинӣ гардида, онҳо тарзе гузошта шаванд, ки ба саломатии хонанда аз ҳама лиҳоз бехатар ва безарар буда, рӯшноӣ ба болои миз аз тарафи чап афтад.

10.Курсии корӣ бояд пасту баланд шуда, ба ҳар тараф бемайлон давр гардад.

11.Ҳангоми ҷобаҷогузории ҷойҳои корӣ масоҳати умумии синфхонаи компютерӣ 9 м х 8м =72м$^{2}$, масофаи байни мизҳои корӣ бо видеомонитор на бояд аз 65-70 см ва масофаи байни болоии паҳлуи мониторҳо на камтар яз 1,2 метри мураббаъ бошад.

12.Ташхиси тиббии хонандагон вобаста ба зарарнокӣ ва ё таъсири манфии кор бо компютер ба саломатии хонандагон тибқи нишондоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад.

## Ташкили кор дар кабинети технологияи иттилоотӣ

1.Вақти таълим дар кабинети технологияи иттилоотӣ мутобиқ ба ҷадвали дарсӣ муқаррар карда мешавад.

2.Дар кабинети технологияи иттилоотӣ ҳатман бояд барои корҳои мустақилона ва гузаронидани корҳои профилактикӣ вақт ҷудо карда шавад.

3.Ворид шудан ва баромадани аз кабинети технологияи иттилоотӣ танҳо бо розигии шахси масъул оид ба истифодаи компютерҳо ва ё омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ иҷозат дода мешавад.

4.Дар ҳолатҳои зарурӣ хонанда метавонад танҳо бо иҷозати шахси масъул оид ба истифодаи компютерҳо ва ё омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ аз синф барояд.

5.Зимни машғулиятҳо ҳифзи таҷҳизоти таълимӣ аз ҷониби шахси масъул оид ба истифодаи компютерҳо ва омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ назорат бурда мешавад.

6.Ҳангоми анҷоми машғулиятҳои таълимӣ омӯзгор ба шахси масъул оид ба истифодаи компютерҳо кабинети технолгияи иттилоотиро месупорад.

7.Дар кабинети технологияи иттилоотӣ ба таври доимӣ ҳуҷҷатгузории зерин ба роҳ монда шавад:

-шиносномаи кабинети технологияи иттилоотӣ;

-журнали қайди дастурдиҳӣ дар ҷойи кор;

-журнали қайди техникаи бехатарӣ;

-дастур оид ба ҳифзи меҳнат барои истифодабарандагони таҷҳизоти техникии таълимӣ;

-журнал оид ба қайди ҳолати таҷҳизоти техникии таълимӣ ва корҳои профилактикӣ;

-журнали қайди машғулиятҳо дар кабинети технологияи иттилоотӣ;

-журнали қайди дархостҳо оид ба таъмини барномаҳои таълимии нав.

8.Дарс дар кабинети технологияи иттилоотӣ бояд дар хонандагон хислатҳои зеринро ташаккул диҳад:

-малака ва маҳорати умумитаълимӣ;

-тарзи умумигардонидашудаи фаъолияти маърифатӣ, коммуникативӣ ва амалӣ;

-талабот ба мустақилона, мунтазам ва эҷодкорона аз худ кардани дониш;

-омодагии хонандагон барои истифода намудани дониш, маҳорат ва қобилият дар иҷрои масъалаҳои амалӣ;

-тафаккури назариявӣ, зеҳният, тасаввурот.